ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA - 095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Парвандаи аттестатсионии №5
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03. 10. 2026, протоколи №24

Барои сазовор донистани унвони илмӣ ба Аҳмадов Дилшодбег Шарифович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи «Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимоя санаи 4 –уми июли соли 2026, протоколи №18 шурои диссертатсионии **6D.KOA–095** назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Суроғаи 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, E-Mail: rectortau31@mail.ru, ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №171/шд, аз 25.04.2025 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадов Дилшодбег Шарифович 1-уми марти соли 1966 дар ноҳияи Файзобод, ҷамоати деҳоти Мискинобод (ҳозира 30 - солагии Истиқлол), деҳаи Фақиробод (ҳозира Обшорон) таваллуд шудааст. Ӯ соли 1983 ба шуъбаи рӯзонаи факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ. Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси агрономӣ дохил шуда, онро соли 1988 бомуваффақият хатм кардааст. Номбурда солҳои 1988 - 1989 вазифаҳои бригадири заводи мурғи ноҳияи Файзобод, солҳои 1989 - 1991 котиби кумитаи комсомол, солҳои 1991 - 2005 агроном, сарагроном ва директори хоҷагии давлатии ба номи Ҳамзаи ин минтақаро иҷро намудааст.

Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар давоми солҳои 2005 - 2006 муовини раиси хоҷагии деҳқонии «Аҳмад - Шариф» дар ноҳияи Файзобод, солҳои 2006 - 2008 мутахассиси Муассисаи давлатии лоиҳаи бақайдгирии системаи кадастри замин ва тайи солҳои 2008 - 2011 раиси хоҷагии деҳқонии «Аҳмад - Шариф» - ро ба ӯҳда дошт. Тайи солҳои 2011-2012 мутахассиси пешбари шуъбаи меваю сабзавот, картошкапарварӣ ва хӯроки

чорвои Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2012 - 2022 сармутахассиси Раёсати растанипарварӣ, солҳои 2022 - 2024 муовини сардори Муассисаи давлатии «Экспедитсияи мубориза бар зидди малах» ва аз 31.01.2024 сардори Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, айни замон фаъолият намуда истодааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадов Дилшодбег Шарифович бо фармоиши Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 18.01.2021, №06 дар Институти зироаткорӣ ба ҳайси унвонҷӯ қабул гардида, тайи солҳои 2021 - 2024 дар шуъбаи селексияи зироатҳои равғандиҳанда корҳои илмию тадқиқотиро дар мавзуи «Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» иҷро намудааст.

Роҳбари илмӣ: Нарзулоев Тош Садулоевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи селексияи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: Сардоров Маҳмадиёр Наимович – доктори илмҳои кишоварзӣ, узви вобастаи АИКТ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва истеҳсоли хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Рустамов Шуҳрат Рустамович – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара (735320), Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ - 25, Б1/204) маҳсуб ёфта, тақризи мусбати муассиса, ки аз тарафи муқарризи расмӣ Музафарзода Даврон Маҳмадшариф – номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, дотсенти кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара омода карда шудааст ва дар шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара (протоколи №2, аз 15-уми сентябри соли 2026) баррасӣ гардида, онро раисикунанда Шарифзода Ҷумахон Шариф - номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултети аграрӣ ва амнияти озуқаворӣ, Сафарализода Сайнуриддин Сафаралӣ - номзади илмҳои кишоварзӣ, котиби ҷаласаи шуро имзо кардаанд ва аз ҷониби ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ дар санаи 15.09.2026 тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи мусбии муассиса қайд карда шудааст, ки мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори

раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи пешниҳодшуда аз рӯйи муҳиммият, навгонӣ, аҳаммияти илмию амалӣ дошта ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 9 интишороти илмӣ ба таъб расонидааст, ки аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, нашр гардидааст.

Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:

А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-А]. Аҳмадов Д.Ш. Таъсири меъёрҳои гуногунӣ нуриҳои маъданӣ ба ҳосилнокии тухмии зағир дар заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор / Д.Ш. Аҳмадов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. - Душанбе, 2025. – №2 (107). - С.57 – 61. ISSN2074 - 5435.

[2-А]. Аҳмадов Д.Ш. Маҳсулнокии зағир вобаста аз таъсири меъёрҳои гуногунӣ нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор / Д.Ш. Аҳмадов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. - Душанбе, 2025. – №2 (107). - С.54 – 57. ISSN2074-5435.

[3-А]. Аҳмадов Д.Ш. Истеҳсоли равған ва кунҷораи зағир вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор / Д.Ш. Аҳмадов, Т.С. Нарзулоев, Д.Б. Бегназаров // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2025. – № 3 (108). - С.35 – 39. ISSN2074-5435.

Б) Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмуаҳои маводи конфренсияҳо

[4-М]. Аҳмадов Д.Ш. Технологияи парвариши зағир дар заминҳои лалмӣ / Т.С. Нарзулоев, М.С. Норов, Д.Б. Бегназаров, Д.Ш. Аҳмадов // Дастур. - Душанбе, 2024. – ҶДММ «Меҳроҷ – граф». - 32 с.

[5-М]. Аҳмадов Д.Ш. Феҳристи зироатҳои равғандеҳи ватанӣ /Т.С. Нарзулоев, М.С. Норов, Д.Б. Бегназаров, Ш.Т. Саидова, Д.Ш. Аҳмадов // - Душанбе, 2024. – ҶДММ «Меҳроҷ – граф». - 18 с.

[6-М]. Аҳмадов Д.Ш. Равғани зағир ва аҳаммияти он барои саломатӣ / Т.С. Нарзулоев, Д.Б. Бегназаров, Д.Ш. Аҳмадов // Мав. конф. илмии ҷумҳуриявӣ «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ» бахшида ба солҳои 2020 - 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва

даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018 – 2028. - Душанбе, 2024. - С. 22 - 25.

[7-М]. Аҳмадов Д.Ш. Парвариши зағир дар заминҳои лалмӣ бо технологияҳои муосир / Т.С. Нарзулоев, М.С. Норов, Д.Б. Бегназаров, Д.Ш. Аҳмадов / Дастур. - Душанбе, 2025. – ҶДММ «Сифат Офест». - 41 с.

[8 -М]. Аҳмадов Д.Ш. Таъсири нуриҳои минералӣ ба инкишофи зағири равғандор дар заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор /Т.С. Нарзулоев, Д.Ш. Аҳмадов, Д.Б. Бегназаров // Маводи конференсияи илмии байналмилалии «Масъалаҳои ҳалталаби илми кишоварзӣ бахшида ба 90 - солагии академик Сангинов Бобо Сангинович». – Душанбе, 2025. – С. 73 – 81.

[9-М]. Аҳмадов Д.Ш. Маҳсулнокии зағири равғандор вобаста аз нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор / Т.С. Нарзулоев, Д.Ш. Аҳмадов, Д.Б. Бегназаров // Маводи конференсияи илмии байналмилалии «Масъалаҳои ҳалталаби илми кишоварзӣ бахшида ба 90 - солагии академик Сангинов Бобо Сангинович». – Душанбе, 2025. – С. 81 – 87.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1. Мирзораҳимзода Акобир Карим – доктори илмҳои биологӣ, профессор, ноиби президент - раиси шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (тақриз мусбӣ).

2. Пулатов Яраш Эргашевич – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи идоракунии захираҳои об ва обсарфанамоии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ). Дар тақриз эродҳои зерин дарҷ гардидааст:

1.Барои чӣ дар тадқиқот танҳо 2 - навъи зағир омӯхта шудааст, магар дар ҷумҳурӣ навъҳои хориҷӣ вуҷуд надоранд?

2. Дар тадқиқот намнокии хок муайян карда шудааст, ё не?

3. Партоев Қурбоналӣ – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ).

4. Алимуродов Абдузоҳид Султонович – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ).

5. Саримсаков М.М. - доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии Институти илмӣ – тадқиқотии захираҳои генетикии растаниҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Тақриз мусбӣ).

6. Бозоров Х.М. - доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари Институти илмӣ - тадқиқотии селексия, тухмипарварӣ ва агротехнологияи парвариши пахтаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Тақриз мусбӣ).

7. Асориён Абдуҳамид Ҷамил – номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии шуъбаи агрохимияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ).

8. Қурбонзода Барно Абдуғани – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи растанипарвариии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Тақриз мусбӣ).

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, онҳо муҳимии мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии тадқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он Аҳмадов Дилшодбег Шарифович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои назарраси илмии онҳо оид ба омӯзиши масъалаҳои ҳалталаби соҳаи аграрии мамлакат, алалхусус дар самти растанипарварӣ, маводҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори тадқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифтааст.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқи илмӣ:

- коркард карда шуд, дар шароити тағйирёбии иқлим, алалхусус барои заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор, технологияи муосири парвариши зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишуда, аз он ҷумла меъёри муътадили истифодабарии нуриҳои маъданӣ илман асоснок карда шуд. Дар натиҷаи татбиқи ин технологияи инноватсионӣ гирифтани ҳосили баланду устувор таъмин карда шуд, ки қонуниятҳои сифати нави падидаи тадқиқшавандаро ошкор менамояд ва омӯзиши онҳо дар кори илмӣ ба роҳ монда шуд;

- пешниҳод шудааст, ки дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор барои зағири навъҳои маҳалиии ноҳиябандишудаи «Ҳисор – 10» ва «Ҳисор – 474» нуриҳои нитрогенӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирнок истифода бурда шавад. Моддаҳои ғизоии фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ

пеш аз коркарди асосии хок ва нитрогенӣ дар фасли баҳор дар давраи нашъунамои растанӣ тавсия шудааст;

- **исбот шудааст,** ки дар шароити тағйирёбии иқлим, технологияи илман асосноки парвариши зағири навъҳои маҳаллии ба минтақаи маҳал мутобиқ, аз он ҷумла истифодабарии меъёрҳои муътадили нуриҳои маъданӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи растанӣ, гирифтани ҳосили устувору аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнокро таъмин карда метавонад. Ҳамчунин, бо ин технология афзоиш додани истеҳсоли равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаи ватанӣ барои саломатии инсон ва кунҷораи серғизои он барои рушди соҳаи чорводорӣ имконпазир мебошад;

- **ҷори намудани** ин усули агротехникӣ, яъне истифодабарии самараноки нуриҳои маъданӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи зироати зағир дар шароити тағйирёбии иқлим, махсусан дар минтақаҳои лалмикории ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии тухмӣ, киштгардони зироатҳо, роҳҳои афзунгардонии маводҳои ғизоӣ, алалхусус таъмини аҳолӣ бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза тадқиқ карда шуд;

Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини водии Ҳисор аз истифодабарии технологияҳои илман асосноки моддаҳои ғизоии нитрогенӣ ба миқдори 60 кг, форфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар ҳосилнокии тухмии зағири навъи маҳаллии ноҳиябандишудаи «Ҳисор – 10» аз 1 гектар 12 сентнерро ташкил дода, аз ин 480 кг равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза ва 720 кг кунҷора истеҳсол шудааст, ки дар таъмини амнияти ғизоии ҷумҳурӣ мавқеъи асосиро ишғол менамояд. Ин тадқиқоти илмӣ дорои аҳаммияти назариявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

- **баён шудани** гирифтани ҳосили баланду устувори тухмӣ, нишондиҳандаҳои беҳтарини маҳсулнокӣ, самаранокии иқтисодии парвариши зағири навъҳои маҳаллии ба минтақа мутобиқшуда, махсусан фоидаи соф, истеҳсоли равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза, кунҷораи серғизо барои рушди чорводорӣ бо роҳи тадқиқоти илмӣ ва гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишӣ исбот гардид;

- **ошкор гардидани** роҳҳои ҳалли масъалаҳои зироатпарварӣ дар заминҳои лалмикории ҷумҳурӣ, аз он ҷумла усулҳои муосири истифодабарии нуриҳои маъданӣ, тарзи кишт, киштгардонҳои кӯтоҳдавр, захираи намӣ, системаи решаронӣ ва самаранокии иқтисодии зағири навъҳои маҳаллӣ, истеҳсоли равғани растанӣ ва кунҷора муайян карда шуд;

- **омӯхта шуданд,** хусусиятҳои инкишоф, тараққиёт, ташаккулёбии зағири навъҳои маҳаллии «Ҳисор – 10» ва «Ҳисор – 474», давомнокии

давраҳои нашъунамо, нишондодҳои маҳсулнокӣ, таҳлилҳои биометрӣ, ҳосилнокии тухмӣ ва пахол, инкишофи системаи решаронӣ вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ, ифлосшавии қитъаҳо аз алафҳои бегона ва самаранокии иқтисодии парвариши онҳо дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмини минтақаи Ҳисор;

- аз нав такмил додани технологияи инноватсионии парвариши зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишуда дар минтақаҳои лалмикорӣ, алалхусус меъёрҳои муътадили истифодабарии нуриҳои маъдании нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ дар марҳаллаҳои гуногуни нашъунамо илман ба исбот расонида шуд. Бартарии ин технология нисбат ба анъанавӣ дар он аст, ки дар тадқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ тухмии навъҳои зағири маҳаллии ба минтақа мутобиқшуда, усул ва тарзи истифодабарии самараноки нуриҳои маъданӣ дар давраҳои гуногун ба исбот расонида шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, бо он исбот мешавад, ки натиҷаи корҳои илмӣ - тадқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ соли 2025 дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини хоҷагии таҷрибавии «Зироаткор» - и Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, дар майдони 2 гектар татбиқ карда шудааст. Маълумот дар бораи татбиқи дастовардҳои илмии унвонҷӯ дар замимаи диссертатсия оварда шудааст.

- муайян карда шуд, ки барои гирифтани ҳосили баланду устувор, истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоии аз ҷиҳати экологӣ тоза барои инсон, рушди соҳаи чорводорӣ бо маводҳои ғизонок ва самараи бештари иқтисодӣ, дар заминҳои лалмии минтақаи Ҳисор кишти навъҳои зағири маҳаллии «Ҳисор – 10» ва «Ҳисор – 474» бо меъёри истифодабарии нуриҳои нитрогенӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирнок самаранок мебошад;

- офарида шуд, дар шароити тағйирёбии иқлим барои заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини водии Ҳисор, маҳсулнокии зағири равғандиҳандаи навъҳои маҳаллии серҳосилу дорои равғаннокии баланд дар таркиби дон вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ бо мақсади гирифтани тухмӣ, истеҳсоли равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза барои саломатии инсон, кунҷораи серғизо дар самти рушди чорводорӣ илман асоснок карда шуд;

- муаррифӣ карда шуд, ки бори нахуст дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ меъёрҳои муътадили нуриҳои маъданӣ барои зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи «Ҳисор – 10» ва «Ҳисор – 474» тадқиқ карда шуд. Ӯ

тавсия медиҳад, ки нуриҳои фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ пеш аз коркарди асосии хок ва нитрогенӣ дар марҳаллаи нашъунамои растанӣ истифода бурда шаванд. Бартарии технологияи мазкур дар он аст, ки ниҳолҳо ин моддаҳои ғизоиро дар даврaҳои гуногуни инкишоф мунтазам истифода баранд.

- **баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ** нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ ва натиҷаи тадқиқоти илмӣ тавассути гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишӣ, дастрасии маълумотҳои илмӣ, таҳияи ҳисоботҳои даврӣ, нашри маводҳои интишорӣ, тадқиқи меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ, нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ, таҳлилҳои биометрӣ, самаранокии иқтисодӣ ва коркарди математикӣ ба даст оварда шудааст. Ба сифати объекти тадқиқот зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи «Ҳисор – 10» ва «Ҳисор – 474» истифода шудааст;

- **ғоя асоснок шудааст,** дар асоси таҳлилҳои амалияи хулосаи таҷрибаҳои пешқадами муаллифони хориҷию ватанӣ ва дастовардҳои муассисаҳои илмӣ, технологияи парвариши зағири равғандиҳанда дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор, аз он ҷумла муҳлат, тарз ва роҳҳои самаранок истифодабарии нуриҳои маъданӣ илман ба исбот расонида шуд;

- **истифода шудаанд,** пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии тадқиқот: шаҳри Ҳисор, заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии «Зироаткор» - и Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Дар тадқиқот тухмии навъҳои зағири маҳаллии ба минтақаи парвариш мутобиқшуда, усулҳои самаранок истифодабарии меъёрҳои муътадили нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ дар даврaҳои гуногун ба роҳ монда шуд;

- **муайян шудаанд,** ки зағири навъи «Ҳисор – 10» дар мавриди истифодабарии нурии нитрогенӣ ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар бо ҳосилнокии 12 с/га тухмӣ, аз ҳисоби фурӯши тухмӣ фоидаи соф ба 6514 сомонӣ, манфиатнокӣ 121 % ва арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 457 сомонӣ баробар шудааст;

- **истифода карда шуданд,** иҷрои таҷрибаҳои илмии саҳроӣ, озмоишӣ ва коркарди математикии натиҷаҳои тадқиқот бо усули Б.А. Доспехов, самараи иқтисодии парвариши зағир бо усули Институти умумииттифоқии илми - тадқиқотии ба номи В.Р. Вилямс ва баҳисобгирии системаи решаронии зағир бо усули М.Г. Тарановский муайян карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, дар таҳлили кимиёвии хоки қитъаи тадқиқотӣ, интихоби навъ ва тухмии зироати зағир, гузоштани таҷрибаҳои - саҳроӣ, омӯзиш ва азхудкунии адабиёти илмӣ, таҳияи

барномаҳои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, дастрасии мушоҳидаҳои фенологӣ, корҳои таҳлилӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди математикии натиҷаҳои бадастомада, баҳодиҳии омории иқтисодӣ, тарҳрезии тавсияҳои хулосавӣ ва пешниҳодҳо ба истеҳсолот ба назар мерасад. Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот 85% - ро аз ҳаҷми умумии диссертатсия ташкил медиҳад.

Ҳамаи хулосаҳои дар боло зикршударо ба инобат гирифта, диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифовичро ба талаботи Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ ҳисобида, дар ҷаласаи 3 - юми октябри соли 2026, протоколи №24, шурои диссертатсионии 6D.KOA - 095 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур қарори сазовор донистани Аҳмадов Дилшодбег Шарифовичро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд: тарафдор -15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Маҳмадёрзода У. М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Боймуродов Р.Б.

3-юми октябри соли 2026

Имзоҳои Маҳмадёрзода У.М. ва Боймуродов Р.Б.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.